Published on The Committee of Language and Terminology by the Government of the Republic of Tajikistan (http://istilohot.tj)

# Кумитаи забон 50 истилоҳу иборавожаҳои варзишии соҳаи футболро ба тоҷикӣ гардонидааст

Submitted by Ҳайати тадорукот on 28 July, 2017 - 12:30
[1]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шашмоҳаи аввали соли равон 50 истилоҳу иборавожаҳои варзишии соҳаи футболро ба тоҷикӣ гардонидааст.

Тавре раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гавҳар Шарофзода зимни нишасти матбуотии ин ниҳод зикр намуд, «Кумита дар рушду густариш ва истилоҳоти соҳаи варзиш бо Муассисаи давлатии Телевизиони «Варзиш» хамкории доимӣ ба роҳ монда, тибқи муроҷиати роҳбарияти Муассисаи мазкур аз моҳи январи соли равон то ин давра 50 истилоҳу ибораважаҳои варзишии соҳаи футболро ба тоҷикӣ гардонидаву пешниҳод намудааст».
Ҳамчунин иттилоъ дода шуд, ки дар ин давра барои 135 номи маҳалҳои аҳолинишин хулосаи Кумита пешниҳод гардидааст. Аз ин теъдод Кумита бо назардошти масъалаи такрори номҳо ва номгузорӣ бо номи ашхос, ҳамчунин ҳангоми интихоби номи маҳалҳои аҳолинишин аз хусусиятҳои таърихӣ ва ҷуғрофии ин ё он мавзеъ сарфи назар кардан тағйири 50 номи маҳалҳои аҳолинишин ва ҷамоати деҳотро рад намуд. Инчунин 17 номи ҷуғрофӣ барои омӯзиш ва баррасӣ ба гурӯҳи кории номҳои ҷуғрофӣ пешниҳод карда шуд.

ДУШАНБЕ, 01.08.2017 /АМИТ «Ховар»/.

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- АМИТ «Ховар» [2]
- Ахбори рӯз [3]

**Source URL:**https://kumitaizabon.tj/en/node/130

**Links**
[1] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/football_terms.png [2] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/12 [3] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10